# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.02.2024, № 3

Барои сазовор донистани Зулфониён Раҳим Раҷабзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 16.01.2024 (суратмаҷлиси №15) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Зулфониён Раҳим Раҷабзода шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8-уми октябри соли 1964 дар деҳаи Ғӯсари шаҳри Панҷакент дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Солҳои 2018 то 2020 унвонҷӯйи ДДЗТ ба номи С. Улуғзода (ҳозира ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода) буд.

Зулфониён Раҳим Раҷабзода аз соли 2011 то инҷониб дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда, айни замон, сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо, муовини ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” Шерализода Адолат Шералӣ, эксперт доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи мазкур Холназаров Руҳулло Муҳаммадович, котиби илмии ҷаласа, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи мазкур, дотсент Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, мувофиқат карда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Зулфониён Р.Р.** Гунаи аслии як ҷойноми суғдӣ [Матн] / Р.Р. Зулфониён // Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И. Сино. –Душанбе, 2019.– № 3(36). – С. 133-139.

[2-М]. **Зулфониён Р.Р.** Мафҳум ва корбурди ҷузъи «ғар»/ «қар+а»-и суғдӣ дар ҷойномҳои минтақаи Панҷакент [Матн] /Р.Р. Зулфониён //Суханшиносӣ, маҷаллаи илмии АМИТ. –Душанбе, 2019.– № 4(36). – С. 50-61.

[3-М]. **Зулфониён Р.Р.** Шарҳи номвожаи Саразм [Матн] / Р.Р. Зулфониён // Авҷи Зуҳал, нашрияи илмии ДДТТ ба номи А.И. Сино. –Душанбе, 2020. – № 3(40). – С. 129-135.

[4-М]. **Муҳаммадҷонзода О.О., Зулфониён Р.Р.** Мавқеи пасванди -уд//-ут дар ҷойномҳои суғдии минтақаи Панҷакент [Матн] /О.О. Муҳаммадҷонзода, Р.Р. Зулфониён //Паёми Донишкадаи забонҳо, нашрияи илмии ДДЗТ ба номи С. Улуғзода. –Душанбе, 2022. – № 4(48). – С. 14-21.

[5-М]. **Зулфониён Р.Р.** Ташаккули кӯҳвожаҳои минтақаи Панҷакент аз ҷиҳати забон [Матн] /Р.Р. Зулфониён //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. – №8. –С. 48-54.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. **Зулфониён Р.Р.** Мушкилот дар номгузории маҳалҳои аҳолинишини кишвар [Матн] /Р.Р. Зулфониён // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ, - «Суннати номгузорӣ ва номҳои ҷуғрофӣ» –Душанбе, 2016, -С.77-89.

[7-М]. **Зулфониён Р.Р.** Эҳёи номҳои асили ҷуғрофии тоҷикӣ дар замони Истиқлол [Матн] /Зулфониён Р. //Паёми Донишкадаи ҳарбӣ. Нашрияи илмӣ-оммавии Вазорати мудофиаи ҶТ. –Душанбе. 2022. -№2 (32). –С. 152-161.

[8-М]. **Зулфониён Р.Р.** Номвожаҳои ҷуғрофӣ – як рукни инъикоси таърих ва марзу бум [Матн] /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» (бахшида ба 85-солагии доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов). ДМТ. –Душанбе. 2021. С.304-313.

[9-М]. **Зулфониён Р.Р.** Маъниҷӯйӣ дар номвожаи ҷуғрофии Ғӯсар [Матн] /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода. –Душанбе. 2022. Саҳ. 25-31.

[10-М]. **Зулфониён Р.Р.** Инъикоси марзу буми миллӣ дар таҳлилу омӯзиши ҷойномҳо [Матн] /Зулфониён Р.Р. //Маҷмуаи мақолаҳои илмии «Анвори дониш", ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе. 2022. С. 57-72.

[11-М]. **Зулфониён Р.Р.** Дарки дурусти маъно дар эҳёи асолати ҷойномҳои миллӣ [Матн] /Зулфониён Р.Р. //Мероси ниёгон. Нашрияи

илмию оммавӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. –Душанбе. -№24 - 2022. С. 46-49.
[12-М]. Зулфониён Р.Р. Таҳлили этимологӣ – заминаи шарҳи асосии мафҳуми топонимҳо [Матн] /Зулфониён Р.Р. // Маҷмуаи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (23-24 декабри соли 2022). –Душанбе, 2022. Саҳ. 96-103.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо Қосимзода мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:
- Хуб мешуд, ки агар дар номи рисола дар ҷойи ибораи "номвожаҳои ҷуғрофӣ" вожаи "ҷойномҳо" истифода мешуд, зеро истилоҳи "топоним"-ро мо метавонем дар забони тоҷикӣ бо як калимаи мураккаби сохташуда ифода намоем;
- дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 8, 17 ва ғ.).

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокириён Туғрал Сироҷзода мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:
- дараҷаи таҳқиқи мавзуъ умумӣ сурат гирифтааст (ҳамагӣ 14 сатр);
- дар корбасти истилоҳот ягонагӣ риоя нашудааст: номвожаҳо, топонимҳо, ҷойномҳо, микротопонимҳо, решашинохтӣ, решашиносӣ, этимология ва ғ.;
- хулосаи рисоларо мухтасар кардан ба манфиати кор мешуд;
- норасоиҳои таҳрирӣ, имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба назар расиданд (с. 4, 5, 8, 10, 12, 16, 22 ва ғ.).

3. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қаҳҳоров М.М. мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:
-ба андешаи мо дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд;
- таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳо ва инчунин, сохтории номвожаҳои ҷуғрофӣ дар схема ва нақшаҳо нишон дода мешуд, хело хуб буд.

4. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия

ва Тоҷикистон Амлоев Аминҷон Ятимович мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:
- дар автореферат дар боби якум ба ҷойи “Фасли чордаҳуми боби якум” “Фасли чордаҳуми боби дуюм” зикр шудааст (с.12);
- вазифаҳои дастурии аломати тире (–) ва аломати нимтире (-) гуногун аст. Аммо дар реферат мавридҳое ба назар мерасад, ки ин тафовут дида намешавад (с. 14, 15, 17, 19);
- дар автореферат хатоҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар расид (с. 3, 4, 6, 8, 10, 11, 14, 15).

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**
- таъину асоснок намудани ҷанбаи назарии мавзуи таҳқиқ;
- ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии вожаҳои марбут ба номвожаҳои ҷуғрофӣ;
- баррасии хусусиятҳои луғавии калимаҳои марбут ба номвожаҳои ҷуғрофӣ;
- нишон додани сабабҳои воридшавии иқтибосот дар корбурди ҷойномҳо ва муайян намудани мавқеи онҳо дар таркиби калимаҳои марбут ба номвожаҳои ҷуғрофӣ;
- баррасии хусусиятҳои маъноии калимаҳои мансуб ба номвожаҳои ҷуғрофӣ;
- таҳқиқи сохтории вожагони мансуб ба номвожаҳои ҷуғрофӣ;
- муайян кардани мавқеи вожагони мафҳуми ҷойномро ифодакунанда дар миёни дигар қабатҳои луғавӣ ва таъсиру муносибати онҳо ба анъанаҳои мардум, ки аз ҷанбаи этнолингвистии онҳо бармеояд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Таҳқиқ дар асоси дастовардҳои илмӣ-назарӣ ва амалии забоншиносони шинохтаи ватанию хориҷии риштаи забоншиносӣ, аз қабили Э.М. Мурзаев, О.И. Смирнова, А.З. Розенфелд, В.С. Расторгуева, Ҷ. Эделман, А.А. Фрейман, С.И. Климчитский, В.А. Лившитс, М.И. Стеблин-Каменский, М.Н. Боголюбова, Ж. Лазар, А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Ш. Исмоилов, О. Маҳмадҷонов, Н. Офаридаев, Р. Шодиев, Д. Ҳомидов. М. Шодиев, Б. Тураев ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки натиҷаҳои бадастомадаро дар коркард ва ҳалли масъалаҳои умумӣ оид ба топонимика, инчунин, дар навиштани фаслҳои дахлдори грамматикаи забони тоҷикӣ истифода бурдан мумкин аст.

Маълумотҳои топонимикии дар рисола ба низом овардашуда ва таҳлилшуда метавонанд дар амалияи фарҳангнигорӣ дар таълифи фарҳангҳои топонимикӣ, таърихӣ ва решашиносӣ на танҳо ба забони тоҷикӣ, балки дар дигар забонҳои эронӣ низ истифода шаванд.

Натиҷаҳои конкретии кор метавонад ҳангоми мутолиаи курсҳои махсус ва семинарҳои махсус, курсҳои таърихи топонимикии Тоҷикистон, этимологияи калимаҳо ва таърихи забони тоҷикӣ истифода бурда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки масъалаи таҳқиқи луғавию маъноӣ ва решашиносии номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакентро бори нахуст дар шакли диссертатсияи илмӣ ба таври системанок таҳқиқ карда, доир ба этимологияи бархе аз номвожаҳои ҷуғрофӣ таҳқиқоти амиқу дурустро нишон додааст. Навиштани мақолаҳо дар доираи мавзуъ ва суханрониҳо дар ҳамоишу конференсияҳо фаъолияти амалии рисоланавис оид ба кори диссертатсионӣ мебошад. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 16 январи соли 2024 дар бораи ба Зулфониён Раҳим Раҷабзода додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 307/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.А.

"17" январи соли 2024
(рӯз, моҳ, сол)